“Тасдиқ мекунам”

Директори Генералии
ҶДММ “Гавҳари Шарқ”
_____ Имомов м.д
«___» _____ соли 2026

ШАРТҲОИ ГУЗАРОНИДАН ВА ҚОИДАҲОИ ИШТИРОК ДАР ИҚДОМИ
«Snickers On The Go»

Шартҳои мазкур ва қоидаҳо тартиб, макон ва муҳлати гузаронидани иқдоми «Snickers On The Go»-ро муайян мекунанд (минбаъд – Шартҳо).

1. Қоидаҳои умумӣ

1.1. Номи Иқдом: «Snickers On The Go» (минбаъд – Иқдом).

1.2. Ташкилкунандаи иқдом Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Гавҳари Шарқ», РМА: 04065965, Суроғаи ҳуқуқӣ ва воқеӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов 9/18.

1.3. Қаламрави гузаронидани Иқдом: Иқдом дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

1.4. Мӯҳлати гузаронидани Иқдом – аз «06» сентябри соли 2026 то «31» ноябри соли 2026, ба ҳисоб гирифта шуда (минбаъд – муҳлати гузаронидани Иқдом).

1.5. Иштирокчии Иқдом шудан мумкин аст дар давраи аз соати 00 сифр дақиқа 00 сонияи 06 сентябри соли 2026 то соати 23 сифр дақиқа 59 сонияи 28 ноябри соли 2026 бо вақти шаҳри Душанбе (минбаъд – муҳлати бақайдгирии рамзҳо).

1.6. Дар Иқдом шахсони воқеӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони дорои иҷозати истиқомат (вид на жительство) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар вақти иштирок дар Иқдом ба сини 18 расидаанд, даъват карда мешаванд (минбаъд – Иштирокчи(-ён) / Иштирокчии Иқдом), агар аз шартҳои зербанди

1.6.1-и Шартҳои мазкур тартиби дигаре барнаояд.

1.6.1. Шахсони зерин ҳамчун иштирокчӣ эътироф намешаванд ва ҳуқуқи иштирок дар Иқдомро надоранд:

-кормандони Ташкилкунандаи Иқдом ва хешовандони наздики онҳо;

-шахсоне, ки манфиатҳои ташкилкунандаи Иқдомро намояндагӣ мекунанд;

-шахсони бешаҳрванд ва шаҳрвандони дигар давлатҳо, ки иҷозати истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро надоранд;

шахсоне, ки дар вақти иштирок дар Иқдом ба 18 нарасидаанд.

1.7. Дар сурати ошкор шудани ҳолати иштироки шахсоне дар Иқдом ки ба шартҳои банди 1.6. ва дигар бахшҳои Шартҳои мазкур мувофиқ нестанд, ташкилкунанда ҳақ дорад ба чунин шахсон аз иштирок дар Иқдом ва/ё гирифтани туҳфа рад кунад.

1.8. Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад аслҳои ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи синну сол, шаҳрвандӣ/иҷозати истиқомат ва шахсияти Иштирокчиро санҷиши кунад, инчунин нусхаҳои онҳоро дархост намояд.

1.9. Бо иштирок дар Иқдом, Иштирокчӣ мефаҳмад, қабул мекунад ва розӣ мешавад, ки муайян кардани ғолибон ба таври тасодуфӣ амалӣ карда мешавад ва гирифтани туҳфа ба ҳар як Иштирокчӣ кафолат дода намешавад ва мувофиқан на ҳамаи Иштирокчиён метавонанд ғолибони қуръакашӣ шаванд. Огоҳсозии Иштирокчиёни Иқдом дар бораи шартҳои мазкур ва қоидаҳои гузаронидани он Иштироки Иқдом бо роҳи ҷойгир кардани шартҳои мазкур дар сомонаи интернет бо суроғаи: https://snickiersni-promo.com (минбаъд – Сомона) на дертар аз соати 00 сифр дақиқа 00 сонияи 06 сентябри соли 2026 амалӣ карда мешавад.

1.9.1. Бо Шартҳои Иқдом дар сомонаи ташкилкунанда https://snickiersni-promo.com ва дар дигар захираҳо, дар сурати истифодаи онҳо аз ҷониби Ташкилкунанда дар давоми мӯҳлати гузаронидани Иқдом шинос шудан мумкин аст.

1.9.2. Пардохт барои иштирок дар Иқдом алоҳида ситонида намешавад ва дар шакли (намуди) харидани Маҳсулоти иқдом, ки дар банди 2.1-и Шартҳо нишон дода шудааст, ифода меёбад.

1.9.3. Ҳар як Маҳсулоти аксияи бақайдгирифташуда ҳангоми ташаккул додани миқдори зарурии тарҳҳои гуногун аз ҷониби Иштирокчӣ барои иштирок дар қуръакашии ҷоизаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамон Маҳсулоти аксия наметавонад аз ҷониби як Иштирокчӣ такроран ба қайд гирифта шавад.

1.9.4. Иқдоми мазкур қабули гаравҳои лотереяро пешбинӣ намекунад ва тотализатор намебошад.

2. Номҳои молҳои ташкилкунанда, ки бо мақсади ҳавасмандгардонии фурӯши онҳо Иқдом гузаронида мешавад:

2.1. Иқдом бо мақсади ҳавасмандгардонии фурӯши маҳсулоти дорои аломати савдо (бо номи савдои) «Snickers», ки дорои нишони махсус бо навиштаҷот мебошанд (минбаъд – Бастабандии аксия), гузаронида мешавад:

- «+1 SKILL»
- «+1 WIN»
- «+1 LEVEL»
- «+1 LUCK»
- «+5 VIBE»
- «+100 BUFF»
- «+10 EXPERIENCE»
- «+5 MOTIVATIOMS»
- «+1 ACCURACY»
- «+1 CONTROL»

| № | **Номгуи маҳсулот:** |
|---|---|
| 1 | Snickers*50,6г |
| 2 | Snickers*80г |

3. Шартҳое, ки ҳангоми риоя кардани онҳо шахси воқеӣ иштирокчии Иқдом мегардад:

3.1. Барои иштирок дар Иқдом шахси воқеӣ, ки ба талаботи банди 1.6. Шартҳо ҷавобгу мебошад, бояд дар давраи бақайдгирӣ (аз соати 00 сифр дақиқа 00 сонияи «06» сентябри соли 2026 то соати 23 сифр дақиқа 59 сонияи «28» ноябри соли 2026 бо вақти шаҳри Душанбе) бастабандии аксияи SNICKERS-ро бо рамзи QR-и дар он ҷойгиршуда харидорӣ кунад ва рамзи QR-и зикршударо барои гузаштан ба сомонаи Иқдом скан кунад.

3.2. Рамзи QR, ки дар бастабандии аксияи SNICKERS ҷойгир шудааст, гузаришро ба сомонаи Иқдом таъмин мекунад.

3.3. Рамзи QR идентификатори беназири бастабандии аксия нест. Ҳамон бастабандии аксия метавонад аз ҷониби чанд Иштирокчӣ барои иштирок дар Иқдом истифода шавад.

3.3.1. Усули иштирок – бақайдгирӣ тавассути Сомонаи https://snickiersni-promo.com

3.3.2. Бақайдгирии Иштирокчӣ дар Сомонаи https://snickiersni-promo.com:

-Иштирокчии Иқдом ба сомонаи https://snickiersni-promo.com мегузарад ва дар саҳифаи асосӣ тугмаи «Бақайдгирӣ»-ро зер мекунад;

-Пас аз зер кардан равзанаи муколамавӣ бо шакли бақайдгирӣ (дар сурати дар сомона ба қайд гирифта нашудани Иштирокчӣ) ё шакли ворид кардани рамз (агар воридшавӣ аллакай иҷро шуда бошад) кушода мешавад;

-Иштирокчиёни Иқдом бояд дар сомона ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ дар давраи бақайдгирии бастабандии аксия тавассути пур кардани варақа бо нишон додани маълумоти бақайдгирии худ амалӣ карда мешавад:

-Пас аз пур кардани варақа ба рақами телефони мобилии нишондодашудаи Иштирокчӣ СМС паёмак бо рамзи тасдиқ фиристода мешавад;

-Иштирокчӣ рамзи СМС-и гирифташударо ба майдони дахлдор дар Сомона ворид мекунад, пас аз он паёми электронии пайдошаванда дар бораи бақайдгирии бомуваффақият бароварда мешавад;
-Ҳангоми тасдиқи бақайдгирии бомуваффақият ба боздидкунандаи Сомона рақами беназир дода мешавад, ки ба рақами телефони мобилии боздидкунандаи Сомона мувофиқ аст ва дастрасӣ ба «Кабинети шахсӣ», ки ҳисоби виртуалии боздидкунанда мебошад, кушода мешавад. Дар «Кабинети шахсӣ» маълумот дар бораи номгӯй ва миқдори туҳфаҳои бурдшуда, дар сурати аз ҷониби иштирокчии Иқдом бурд карда шудани онҳо, нигоҳ дошта мешавад;
-Маълумоти пуршуда таҳрир карда намешаванд. Дар варақа бояд маълумоти боэътимод ва дуруст пешниҳод карда шавад. Иштирокчии Иқдом наметавонад соҳиби туҳфаи ягон намуд гардад, агар ҳангоми бақайдгирӣ маълумоти нодуруст, аз ҷумла: насаб, ном, номи падар, рақами телефони мобилӣ, шаҳри истиқомат нишон дода бошад;
-Барои дастрасӣ ба «Кабинети шахсӣ» ворид кардани номи корбар (рақами телефони мобилӣ) ва гузарвожае, ки аз ҷониби боздидкунанда ҳангоми бақайдгирӣ дар Сомона дар шакли бақайдгирӣ нишон дода шудааст, ба майдонҳои дахлбори шакли бақайдгирӣ ва зер кардани тугмаи «Ворид шудан» зарур аст.
4. Бақайдгирии Бастабандии аксия дар Сомонаи https://snickiersni-promo.com:
4.1.Бастабандиҳои аксия аз ҷониби боздидкунандагони дар Сомона аутентификатсияшуда (авторизованный) тавассути скан кардани бастабандии аксия бо истифода аз камераи дастгоҳи мобилӣ дар Кабинети шахсии Иштирокчӣ ба қайд гирифта мешаванд.
4.2. Пас аз скан кардани Бастабандии аксия система дурустии маълумоти гирифташударо месанҷад ва дар сурати валидатсияи бомуваффақият, Бастабандии аксияро ба қайд мегирад.
4.3. Барои гирифтани ҳуқуқи иштирок дар қуръакашии лавозимот (аксессуарҳо) ба Иштирокчӣ бақайдгирии 5 (панҷ) ва зиёда Бастабандии аксияи SNICKERS бо тарҳҳои гуногун зарур аст;
4.4. Барои гирифтани ҳуқуқи иштирок дар қуръакашии ҷоизаи моҳона ба Иштирокчӣ бақайдгирии 10 (даҳ) ва зиёда Бастабандии аксияи SNICKERS бо тарҳҳои гуногун зарур аст.
4.5. Қуръакашии лавозимот маротибе дар ду ҳафта ва қуръакашии ҷоизаи моҳона маротибе дар як моҳ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Шартҳои мазкур гузаронида мешавад.
4.5. Ҳисоби Бастабандиҳои аксияи бақайдгирифташуда ва пешравии аз ҷониби Иштирокчӣ ҷамъшуда дар доираи моҳи тақвимии дахлдор амалӣ карда мешавад. Пас аз анҷоми ҳар як моҳи тақвимӣ пешравии аз ҷониби Иштирокчӣ ҷамъшуда бекор карда мешавад ва аз аввали моҳи тақвимии навбатӣ Иштирокчӣ ҷамъоварии Бастабандиҳои аксияро аз нав оғоз мекунад.
4.6. Як иштирокчӣ метавонад дар давоми ду ҳафтаи гузаронидани Аксия на бештар аз як ҷоиза бурд кунад.
4.7. Ба Иштирокчии Иқдом барқарор кардани гузарвожа дастрас аст. Дархост оид ба барқарор кардани гузарвожа метавонад дар давоми Давраи бақайдгирии рамзҳо фиристода шавад. Барои барқарор кардани гузарвожа дар шакли бақайдгирӣ/аутентификатсия дар Сомона интихоби «Барқарор кардани гузарвожа» зарур аст. Пас аз ин ба рақами телефони Иштирокчии Иқдом, ки ҳангоми бақайдгирӣ нишон дода шудааст, рамзи беназир фиристода мешавад, ки ворид кардани он зарур аст.
5. Фонди туҳфаҳои Иқдом:
5.1. Фонди туҳфаҳои Иқдом аз ҳисоби маблағҳои пулии хусусӣ ва молу мулки ташкилкунандаи Иқдом ташаккул дода мешавад ва истисноран барои пешниҳоди туҳфаҳо ба Иштирокчиёни Иқдом истифода мешавад.
6.1. Маблағи умумии фонди туҳфаҳо 216822 (дусаду шонздаҳ ҳазору ҳаштсаду бисту ду) сомониро ташкил медиҳад. Дар доираи иқдом туҳфаҳои зерин омода шудаанд:
— клавиатура
— мушаки компютерӣ
— гӯшмонакҳои (наушники) симдори компютерӣ

Ҷоизаи моҳона:

— ПК (компютери) бозӣ

6.2. Пардохти эквиваленти пулии арзиши ҷоизаҳои ғайрипулӣ, баргардонидан ва иваз/ҷойгузин кардани ҷоизаҳо аз ҷониби Ташкилкунанда амалӣ карда намешавад.

6.3. Қуръакашии ҷоизаҳои асосӣ аз ҷониби Ташкилкунанда дар реҷаи пахши мустақим дар сомонаи https://snickiersni-promo.com. гузаронида мешавад. Маълумот дар бораи сана, вақт ва захираи иттилоотӣ, ки тавассути он пахши мустақими қуръакашӣ амалӣ карда мешавад, дар сомонаи расмӣ инъикос меёбад: https://snickiersni-promo.com. Огоҳсозии Иштирокчиёни Иқдом дар бораи натиҷаҳои қуръакашӣ бо роҳи ҷойгир кардани маълумот дар бораи натиҷаҳои қуръакашӣ дар Сомонаи https://snickiersni-promo.com, амалӣ карда мешавад.

7. **Санаи бурди туҳфаҳо. Бурди туҳфаҳо ҳар рузи шанбе тибқи ҷадвали зерин баргузор мегардад.**

| № | Сана |
|---|---|
| **1** | 22 сентябри соли 2026 |
| **2** | 6 октябри соли 2026 |
| **3** | 20 октябри соли 2026 |
| **4** | 6 ноябри соли 2026 |
| **5** | 17 ноябри соли 2026 |
| **6** | 01 декабри соли 2026 |

**Эзоҳ: рузи охирони қабули дархостҳо 29 ноябри соли 2026 мебошад.**

## 8. Тартиб ва муҳлати додани туҳфаҳ ба ғолибони Иқдом:

8.1. Дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз санаи муайян кардани ғолиб Ташкилкунанда бо ғолиб бо роҳи занг задан ба рақами телефони иштирокчӣ барои додани туҳфа тамос мегирад.

8.2. Туҳфаҳои Иқдом ба Ғолибон дар бинои дафтарии кории ташкилкунанда воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кучаи Ҷ. Расулов 9 амали карда мешавад.

8.3. Дар сурате, ки Ташкилкунандаи Иқдом натавонад дар давоми мӯҳлати зикршуда бо ғолиб тамос бигирад ва худи ғолиб тамос намегирад ва дар давоми 1 (як) моҳ аз санаи нашри натиҷаҳои қуръакашии Иқдом барои гирифтани туҳфа ба Ташкилкунанда муроҷиат накунад, чунин ғолиб аз ҳуқуқи дастрас намудани туҳфаи дахлдор маҳрум карда мешавад ва туҳфа талабношуда ҳисоб мешавад.

8.4. Ғолибони Иқдом ҳангоми гирифтани туҳфа дахлдори Иқдом бояд:

-Нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти Ғолибро ба Ташкилкунандаи Иқдом пешниҳод кунанд;

-Ҳуҷҷати аз ҷониби Ташкилкунанда пешниҳодшавандаро, ки гирифтани туҳфаро тасдиқ мекунад, хонапури ва имзо кунанд ва ба Ташкилкунанда супоранд.

8.5. Ташкилкунанда барои ягон оқибатҳои амалҳо/беамалиҳои Иштирокчии Иқдом, ки хато эътироф шудаанд, ҷавобгар нест.

8.6. Нагирифтани маълумот ва/ё ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани туҳфа аз Ғолиб дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи нашри расмии натиҷаҳои иқдом маънои даст кашидани Ғолиб аз туҳфаро дорад. Ҳамзамон, туҳфаҳои Иқдом талабношуда ҳисоб карда мешаванд.

## 9. Шартҳои иловагии Иқдом:

9.1. Ташкилкунандаи Иқдом барои носозиҳои техникӣ, ки бо бақайдгирии Иштирокчиёни Иқдом ва дигар масъалаҳо алоқаманданд, масъулият надорад, аз ҷумла:

- барои таъхир ва/ё нарасидани паёми ҷавобӣ ё огоҳинома дар сурати гузаронидани корҳои пешгирикунанда дар шабакаи Интернет ё дигар носозиҳое, ки на бо айби Ташкилкунандаи Иқдом ба миён омадаанд, инчунин барои нарасидани огоҳинома ба Иштирокчӣ дар бораи ғолиб эътироф шудани ӯ, ки туҳфаи Иқдом бурд кардааст, дар сурати хомӯш будани телефони мобилии ӯ ё берун аз минтақаи фарогирии шабакаи оператори алоқаи мобилӣ будани он;

- барои таъхир ва/ё нарасидани паёмҳо, инчунин барои ҳама гуна носозиҳои дигари техникие, ки на бо айби Ташкилкунандаи Иқдом ба миён омадаанд.

9.2. Туҳфаҳо ба Иштирокчиёни Иқдом танҳо мувофиқи Шартҳои мазкур дода мешаванд. Агар иштирокчии Иқдом ба талаботи нишондодашуда дар банди 1.6.-и Шартҳо ҷавобгу набошад ва талаботи дигари Шартҳои мазкурро иҷро накунад, чунин шахс ҳуқуқ надорад талаб кунад ва Ташкилкунанда ба чунин шахс туҳфа намедиҳад. Миқдори туҳфаҳо маҳдуд аст. Туҳфаҳо иваз ва баргардонида намешаванд.

9.3. Ҳуқуқи моликият ба Иштирокчии туҳфаи дахлдорро бурдкарда дар лаҳзаи қабули он мегузарад. Пас аз спуоридани туҳфа Ташкилкунандаи Иқдом барои хатари нобудшавии тасодуфӣ, гумкунӣ, вайроншавии он, инчунин хароҷоти марбут ба моликӣ, истифода ва тасарруфи туҳфа масъулият надорад.

9.4. Андозҳо аз туҳфаҳо, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд нигоҳ дошта шаванд, аз ҷониби Ташкилкунандаи Иқдом аз ҳисоби худ пардохта мешаванд.

9.5. Ташкилкунандаи Иқдом барои нагирифтани туҳфаҳо аз ҷониби Иштирокчӣ на бо айби Ташкилкунандаи Иқдом масъулият надорад.

## 10. Маълумоти шахсии Иштирокчиён:

10.1. Бо иштирок дар Иқдом, Иштирокчии Иқдом ба ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумоти хусусияти шахсии ин Иштирокчӣ розигӣ медиҳад.

10.2. Маълумоти шахсии Иштирокчиён аз ҷониби Ташкилкунанда бо мақсади таъмин кардани иштироки Иштирокчиён дар Иқдом ва барои иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории андоз, талаботи ҳисобу китоби бухгалтерӣ ҷамъоварӣ, истифода, коркард ва нигоҳ дошта мешаванд.

10.3. Ташкилкунандаи Иқдом низоми дахлдори коркарди маълумоти шахсиро таъмин мекунад. Маълумоти шахсии Иштирокчиёне, ки туҳфаҳо бурд накардаанд, пас аз анҷоми муҳлати гузаронидани Иқдом беном гардонида мешаванд. Маълумоти шахсии ғолибони Иқдом дар тӯли мӯҳлати пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои талаботи қонунгузорӣ нигоҳ дошта мешаванд, пас аз он онҳо нобуд карда мешаванд.

10.4. Иштирокчии Иқдом ҳуқуқ дорад розигии худро ба коркарди маълумоти шахсӣ бо роҳи фиристодани огоҳиномаи хаттии имзошуда оид ба бозхонд ба суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов 9, бо нишон додани маълумоте, ки Иштирокчии Иқдом барои иштирок дар Иқдом дар шакли бақайдгирӣ хабар дода буд, бозхонд кунад.

10.5. Дар сурати гирифтани огоҳинома оид ба бозхонди розигӣ, Ташкилкунандаи Иқдом ва шахсони ваколатдори ӯ коркарди маълумоти шахсии чунин Иштирокчии Иқдомро қатъ мекунанд ва маълумоти шахсии ӯро дар мӯҳлате, ки аз панҷ рӯзи корӣ аз санаи ворид шудани бозхонд зиёд нест, нобуд мекунанд.

10.6. Ташкилкунандаи Иқдом дар назди Иштирокчӣ барои иҷро накардани амалҳои марбут ба гузаронидани Иқдом, агар чунин иҷро нашудан дар натиҷаи нобуд кардани маълумоти шахсии ин Иштирокчии Иқдом дар натиҷаи бозхонди розигии худ ба коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Иштирокчии Иқдом ба вуҷуд омада бошад, масъулият надорад.

## 11. Шартҳои дигар:

11.1. Иштирокчиёни Иқдом мустақилона ҳамаи хароҷоти аз ҷониби онҳо дар робита ба иштирок дар Иқдом ба миён омадаро (аз ҷумла, бе маҳдудият, хароҷоти марбут ба харидани Маҳсулоти аксия, дастрасӣ ба Интернет) пардохт мекунанд.

11.2. Ташкилкунандаи Иқдом барои хатогиҳои аз ҷониби Иштирокчиёни Иқдом ҳангоми бақайдгирӣ роҳдода ва барои дурустии маълумоти ҳангоми бақайдгирӣ нишондодашуда масъулият надорад.

Маркетологи
ҶДММ “Гарҳари Шарқ” Мухторова З.А.